# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобоев Ҷурабой Абдусаломович дар мавзӯи: “Гулсангҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01- Ботаника**

Намудҳои гулсангҳои шакли ҳаётии пӯстлохидошта дар тамоми минтақаҳои руйи Замин васеъ паҳн шудаанд ва онҳо нисбат ба дигар намудҳои гулсангҳои шакли ҳаётии дигардошта, аз ҷиҳати шумораи намудӣ бартарӣ доранд. Масъалаҳои ҳифзи табиат, нигоҳдории генофонди табиии сайёраи мо, инчунин гузаронидани маниторингҳои экологӣ хело заруранд. Қадами аввалин ва муҳимтарин дар ҳалли ин масъалаҳо, ки ба соҳаи ботаника дахл дорад, омӯзиши систематика, таксономия, экология ва паҳншавии географии ин ё он гурӯҳи растаниҳо ба ҳисоб меравад.

Хусусияти шакли ҳаётии растаниҳо қисми асосии таҳлили экологӣ мебошад.Тавре ки растаниҳои дараҷаи олиро ба якчанд шаклҳои ҳаётӣ – дарахтӣ, буттагӣ, нимбуттагӣ, алафӣ ва тарзи зимистонгузаронии онҳо ҷудо кардаанд, гулсангҳоро низ вобаста ба тарзи ҳаётгузарониашон ба якчанд шакли ҳаётӣ ҷудо менамоянд. Аммо чунин маълумот ба қадри кофӣ мавҷуд нест, хусусан гурӯҳи гулсангҳои минтақаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон кам омӯхта шудааст.

Рисолаи номзадӣ актуалӣ буда, дар он бори аввал таҳлили лихенофлораи қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор гузаронида шудааст, ки то ҳол оид ба ин мавзӯъ таҳқиқоти муфассал гузаронида нашудааст.

Таҳқиқоти мазкур дар омӯзиши лихенофлораи Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад, зеро гулсангҳо яке аз қисматҳои махсуси экосистемаҳои табиӣ ба ҳисоб меравaнд. Таҳкики намудҳои флораи гулсангҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва таҳлили хусусиятҳои систематикӣ, таксономӣ ва экологии онҳо аҳаммияти назариявӣ дорад.

Дар асоси коркарди маводҳои ҷамъовардашуда, намунаи гербарияҳо ва адабиётҳои мавҷуда рӯйхати лихенофлораи қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор тартиб дода шудааст, ки гулсангҳои минтақаи мазкур ба 314 намуд, 20 зернамуд ва 5 шакл ҷудо гардиданд, онҳо 72 авлод, 26 оила ва 8 тартибро дар бар гирифтаанд.

Инчунин таҳлили географӣ ва муқоисавӣ гузаронида шуда, гурӯҳҳои экологии гулсангҳо ва ҷойгиршавии онҳо дар типҳои наботот мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст. Шаклҳои ҳаётии гулсангҳои минтақа низ омӯхта шудааст.

Дар натиҷа, унвонҷӯ Бобоев Ҷурабой Абдусаломович дар сатҳи баланд вазифаҳои дарпешгузоштаи худро иҷро намуда, таҳлилҳои аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ асоснок ба даст овардааст.

Хулосаҳо дақиқ буда, асоснок карда шудаанд ва пурра натиҷаҳои таҳқиқотро фаро мегиранд.

Рисолаи номзадӣ мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ таҳия гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои чопгардида моҳияти асосии корро инъикос менамоянд.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Бобоев Ҷурабой Абдусаломович дар мавзӯи «Гулсангҳои қисми ҷанубии каторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника пешниҳод шудааст, таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника сазовор аст.

Декани Факултети химия ва биологияи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.к. Исуфов Д.С.

735360, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16
Тел.:+ (992) 918747460;
E-mail: dilshod.19.77@mail.ru

Имзои Исуфов Д.С.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

23.01.2023